Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# Т А Қ Р И З

Муқаризи расмӣ ба диссертатсияи Шарифзода Шарифбек Мурод дар мавзуи «Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст. (Душанбе, 2022. - 227 саҳ)

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Шарифзода Шарифбек Мурод дар мавзуи «Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд 62 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсия.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсия мубрам буда, он дар самти пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст. Масъалаи мазкур ҳанӯз аз давраи аввали соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таваҷҷуҳи Сарвари давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор гирифта, баъд аз қабули аввалин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар соли 1999 чораҳои пешгирӣ ва муқовимат ба он боз ҳам тақвият ёфтааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нахустин паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26–уми январи соли 2021 қайд намудааст, ки «Коррупсия зуҳуроти номатлуб ва барои ҷомеа хатарнок ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як сокини кишвар мебошад. Аз ин лиҳоз, барои пешгирӣ кардани кирдорҳои

коррупсионӣ, фароҳам овардани фазои оштинопазир ба он ва ба ин раванд ҷалб намудани тамоми мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби субъектҳои мубориза бар зидди коррупсия бояд чораҷӯӣ карда шавад».

Ба андешаи муаллифи диссертатсия коррупсия ва омилҳои ба он мусоидаткунанда на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ нигаронии ҷиддиро ба миён овардааст. Сабаб дар он аст, ки коррупсия падидаи на танҳо миллӣ, балки байналмилалӣ ба ҳисоб рафта, шаклҳои зоҳиршавии он аксаран ба худшиносии миллӣ вобастагӣ дошта, дар қонунгузории амалкунанда инъикоси худро ёфтааст.

Диссертант дар мубрамияти мавзуъ таҳлили омории ҷиноятҳои бақайдгирифташударо дар давраи солҳои 2017 - 2021 дар Тоҷикистон ба риштаи таҳқиқ кашида, бинобар афзоиш ёфтани ин номгӯйи ҷиноятҳо зарурияти такмили муқовимат ба онро тақозо намудааст. Муаллиф қайд кардааст, ки ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба амнияти миллӣ ва иқтидори иқтисодии давлат таҳдидро ба вуҷуд оварда, оид ба баҳодиҳии экспертии доираи воқеии ин ҷиноятҳо мушкилот ҷой дорад.

Муаллиф дар мубрамияти мавзуъ пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои ба коррупсия мусоидаткунандаро дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пеш аз ҳама дар низоми мақомоти давлатӣ яке аз самтҳои асосии муқовимат бо коррупсия арзёбӣ намуда, қабули як қатор санадҳои меъёрӣ -ҳуқуқӣ, аз ҷумла се қонун, се стратегия, тағйиру иловаҳо ба дигар қонунҳо ва таҳияи як чанд санадҳои зерқонунии соҳавиро дар ин самт ба манфиати кор ҳисобидааст. Зикр доштааст, ки ҳамаи ин санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ асосҳои ҳуқуқию ташкилии муқовимат бо коррупсияро муайян намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлату ҷомеа, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ равона гардидааст.

Диссертант мубрамияти мавзуи таҳқиқотро ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ таҳлил намуда, таҳияи пешниҳодҳоеро талаб кардааст, ки ба такмили чораҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминологӣ оид ба муқовимат бо коррупсия равона гардида, ба самаранокии пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ имконият фароҳам оварад. Дар робита бо ин, роҳҳои муосири пешгирии боз ҳам самарабахши ҷинояткории коррупсиониро муҳим арзёбӣ намудааст.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи

амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва замимаҳо иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар **муқаддима** аҳамиятнокии мавзуи диссертатсия асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаҳои меъёрӣ, асосҳои эмперикӣ, навгонӣ ва муқаррароте, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, тавсиф ёфта, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб ва ғайра пешбинӣ карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия – **«Асосҳои назариявӣ ва амалии муқовимат бо коррупсия»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст, ки дар онҳо таърихи пайдоиш ва инкишофи падидаҳои коррупсия ва муқовимат бо он, мафҳуми коррупсия тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия таълиф гардидаанд.

Дар зербоби аввали боби якум, ки «Таърихи пайдоиш ва инкишофи падидаи коррупсия ва муқовимат бо он» ном гирифтааст, муаллиф таърихи коррупсия, рушди қонунгузории ҷиноятиро вобаста ба коррупсия таҳлил намуда, қайд намудааст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ аз замонҳои қадим ҷой дошт, аммо заминаи асосӣ барои қабули Кодекси амалкунандаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар замони Шуравӣ гузошта шудааст. Дар ин давра чораҳои нисбатан сабуки ҷазо, барои ҷавобгарии вазнини ҷиноятӣ ва таъини ҷазои қатл ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда иваз карда шуданд, ки ин тадбирҳо ба сатҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ дар кишвар таъсири ҷиддӣ нарасонданд. Инчунин зикр намудааст, ки бори аввал тафриқаи ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба андозаи гирифтани пора танҳо дар Кодекси ҷиноятии соли 1998 инъикос ёфта, гирифтани пораро ба маблағҳои сода, назаррас, калон ва махсусан калон ҷудо намудааст.

Дар зербоби дуюми боби якум **«Мафҳуми коррупсия тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном гирифта, диссертант қайд менамояд, ки коррупсия як зуҳуроти иҷтимоӣ аст ва дар тамоми ҷаҳон чи дар давлатҳои мутараққӣ ва чи дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ новобаста аз сохти идоракунии давлатии онҳо паҳн гаштааст. Ҳаҷм ва паҳншавии коррупсияро пеш аз ҳама ба хусусиятҳои миллӣ, шакли сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва шароитҳои ҳуқуқии ин ё он давлат рабт додааст. Ба ақидаи муаллиф коррупсия дар тамоми шохаҳои ҳокимият, хусусан шохае, ки бо ҷинояткорӣ мубориза мебарад, воқеан хавфи зиёд дорад. Дар ин зербоб муаллиф оид ба таърифи коррупсия назари худро баён карда, қайд намудааст, ки дар ин таъриф мафҳуми ғайриқонунӣ расонидани хизматрасонӣ маҳдуд гардидааст ва ба он иловаҳои дахлдоро пешниҳод намудааст.

Зербоби сеюми боби аввал – **«Асосҳои ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия»** ном дошта, дар он қонунгузории амалкунанда ва байналмилалӣ дар самти муқовимат бо коррупсия таҳлил карда шудааст. Дар рисолаи илмӣ муаллиф қайд намудааст, ки рӯйхати санадҳои дар қонун овардашуда ба пуррагӣ дарҷ нагардидаанд, зеро санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, аз ҷумла Кодекси ҷиноятӣ, Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии дигар мақомоти давлатӣ заминаи умумии ҳуқуқии мубориза бо коррупсияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Бинобар ин ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, таҳти №1714 илова намудани санадҳои қайдгардидаро ба рӯйхат ба мақсад мувофиқ шуморидааст.

Боби дуюми диссертатсия – **«Сабаб, шароитҳои содир кардани ҷиноятҳои коррупсионӣ ва масоили пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ)»**-ро дар бар гирифта, аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал – **«Сабаб ва шароитҳои содир гардидани ҷиноятҳои коррупсионӣ»** сабабҳои умумии иҷтимоӣ ва сабабҳои махсуси криминологӣ содир гардидани коррупсия мавриди таҳлил, баррасӣ ва хулосабарорӣ қарор гирифтааст.

Ба ақидаи муаллиф омӯзиши сабабҳои содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ нишон медиҳад, ки ин номгӯйи ҷиноятҳо ба монанди дигар ҷиноятҳо вобаста ба омилҳои криминогенӣ, ба сабабҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва идеологӣ ҷудо мешаванд. Муаллиф сабабҳои махсуси криминологии ҷиноятҳои коррупсиониро баррасӣ намуда, хусусияти латентӣ доштани онҳоро қайд намудааст, ки ин пеш аз ҳама аз фаъолияти пасти шаҳрвандон дар таъмини иттилоот ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ҳолатҳои эҳтимолии содир гардидани ин ҷиноятҳо мебошад.

Ба андешаи муаллиф танҳо бо омӯзиш ва бартараф кардани ин сабабҳо мо метавонем чораҳои муассирро оид ба пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ андешем, зеро татбиқи онҳо дар амалия вазифаи боз ҳам мушкилтар аст.

Зербоби дуюми боби дуюм – **«Чораҳои умуми иҷтимоии пешгирии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта»** ном дорад.

Дар ин зербоб, муаллиф қайд намудааст, ки мубориза бо коррупсия, яке аз вазифаҳои муҳимми на танҳо давлатҳои алоҳида, балки тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Зеро мубориза бо коррупсия ба манфиатҳои тақрибан ҳамаи давлатҳо таъсир мерасонад ва эътирофи умумиҷаҳониро ба даст меоварад.

Ҷиноятҳои коррупсионӣ натиҷаи зиддиятҳо дар фаъолияти давлат, низоми сиёсӣ, идоракунӣ, маориф, анъана, психология ва дигар самтҳо мебошанд. Ба ақидаи муаллиф, коррупсияро комилан решакан кардан ғайриимкон аст, аммо бо андешидани баъзе аз чораҳо сатҳи онро паст намудан ва шумораи ҳуқуқвайронкуниҳои ба вуҷуд омадаро то ҳадди имкон кам кардан мумкин аст. Дар ин самт муаллиф зикр намудааст, ки андешидани тадбирҳои иҷтимоию – иқтисодӣ дар низоми тадбирҳои умумии иҷтимоӣ оид ба пешгирии коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти аввалиндараҷа доранд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм – **«Чораҳои махсуси криминологии пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ»** таҳлил гардидаанд.

Муаллиф дар ин зербоб қайд намудааст, ки муқовиматро ба коррупсия танҳо бо муайян кардан ва ҷазо додани шахсоне, ки ҷиноятҳои коррупсионӣ содир кардаанд, паст намудан ғайриимкон аст. Бинобар ин зарур шуморидааст, ки барномаҳои алоҳидаи чорабиниҳои пешгирикунанда таҳия ва татбиқ карда шаванд, то ба пешгирии воридшавии коррупсия дар сохторҳои идоракунӣ мусоидат намояд. Дар ин самт илова намудани меъёрҳои алоҳидаро ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” ба хусус дар самти даромадҳо, амвол, қарз ва ғайра ба мақсад мувофиқ шуморидааст.

Муаллиф тамоми ақидаҳои худро дар хулосаи диссертатсия ҷамъбаст намуда, бо пешниҳоди таклифҳои мушаххас дар пешрафти илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология саҳми назаррас гузоштааст.

Тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллифи диссертатсия асоснок ва дар қиёс бо роҳҳои дигари ҳалли маъмул сазовор ба баҳои мусбӣ буда, баҳри пешгирии коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд, мусоидат намояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, мавзуи интихобшуда, усулҳои баррасӣ ва роҳҳои илмии пешгирии коррупсия, ҳамчун навгонии ҷиддӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан, ҳуқуқи ҷиноятии кишвар маҳсуб меёбад.

Навовариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки аз ҷониби муаллиф дар диссертатсия мафҳуми коррупсия, таърихи пайдоиш ва инкишофи падидаҳои коррупсионӣ, сабаб ва шароитҳои содир гардидани ҷиноятҳои коррупсионӣ хеле хуб таҳлилу баррасӣ гардида, воситаҳои умумииҷтимоӣ ва махсус, ташкилию ҳуқуқии пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ паҳлуҳои дигари кори илмии муаллифро мустаҳкам намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад, минбаъд боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ гардад. Инчунин дар амалия оид ба бандубаст ва татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ ҷиҳати

пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ ва дар фаъолияти мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ ва суд ҷиҳати қабули қарорҳои дахлдор истифода бурда шавад. Ҳамзамон, хулосаҳои диссертатсия зимни омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, курси махсуси пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия, инчунин дар пешбурди корҳои илмии таҳқиқоти магистрӣ ва диссертатсионӣ аҳамияти калон доранд.

Муаллиф дар таҳқиқоти илмӣ пешгирии коррупсияро, ҳамчун пешгирии мушкилот арзёбӣ намуда, ҳалли саривақтии онро ҳамеша осонтар ва муҳимтар донистааст. Дар ин самт таҳаммулнопазирии ҷомеаро бевосита ба сатҳи фарҳанги сиёсии аҳолӣ рабт дода, таҳияи барномаҳои самарабахшро ба манфиати ҷомеаи Тоҷикистон муфид ҳисобидааст.

Ҳамзамон муаллиф ҷиҳати пешгирии коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди иқтисодиёт ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, сатҳи зиндагонии шаҳрвандон, масъулияти шаҳрвандӣ ва ташаккули рафтори ягонаи зидди коррупсионии ҷомеа, инчунин ба роҳ мондани таълимоти ибтидоии зидди коррупсиониро дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва касбӣ – техникӣ афзал дониста, дар ин самт ақидаҳои илман асоснок пешниҳод кардааст.

Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии Шарифбек Шарифзода дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳмияти махсус дошта, дар самти сабаб ва шароитҳои ҷинояткорӣ, чораҳои умумии иҷтимоӣ ва махсуси кримонологии пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ ва ҳалли мушкилоти он дар оянда метавонад, мусоидат намояд.

Муаллиф диссертатсияро бо забони хуби илмӣ навишта, матни онро аз рӯйи таҷриба, дониши баланди илмӣ ва фаъолияти омӯзгорӣ таҳия намудааст. Кори илмӣ ягонагии дохилӣ дошта, тамоми қисматҳои таҳқиқоти диссертатсияи пешниҳодшуда аз нигоҳи мантиқӣ ва мазмун ба ҳам алоқаманданд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар семинарҳои назариявии кафедра, факултет ва конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар шакли маърӯзаи илмӣ пешкаш шудаанд. Навгонии илмии диссертатсия ва дигар ақидаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ–амалӣ аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия далолат менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Ш.М., дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ ба забони давлатӣ мебошад, ки вобаста ба рушди қонунгузории миллӣ, таҳлили муқоисавӣ–

ҳуқуқӣ қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии аломатҳои объективию субъективӣ, омӯзиши маълумоти оморӣ ва таҷрибаи судӣ вобаста ба мавзуи номбурда мебошад.

Дар баробари ин, аз ҷониби муҳаққиқ ҳамчунин коркардҳои дигари вобаста ба ҳалли мушкилот ҳангоми татбиқи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ба миён гузошта шудаанд, ки аз нигоҳи мо қобили таваҷҷуҳ ва баррасӣ мебошанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия**. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикргардида, пеш аз ҳама шаҳодати саҳеҳият ва саҳми шахсии муаллиф мебошанд. Мавзуи «Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ гардида, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат менамояд.

Инчунин хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда, ҷанбаҳои гуногуни мавзуи мавриди таҳқиқ қарор дода шударо дар бар гирифта, барои рушди соҳаҳои илми ҳуқуқшиносӣ аҳамияти муҳим доранд.

Таҳлили ақидаҳо, муҳтаво, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, ҷонибдорӣ намудан ва нанамудани ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақил дар таҳлили масъалаҳо, истифодаи васеи маводи илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, асосноккунии нуктаҳои илмӣ, пешниҳодҳо, хулосаҳо ва дигар масъалаҳое, ки аз ҷониби муаллиф пешкаш гардидаанд, аз асоснокӣ ва эътимоднок будани хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия дарак медиҳанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо баҳри такмили қонунгузории самти пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия барои кирдорҳои коррупсионӣ равона гардидааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо.** Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо дар таҳияи асосҳои илмӣ ва коркарди низоми донишҳои мавҷуда оид ба масъалаҳои муқовимат ба коррупсия ифода меёбад. Инчунин натиҷаҳои таҳлил ба пайдоиши тасаввурот оид ба маҷмӯи воситаҳои қонунии муқовимат ба коррупсия мусоидат намуда, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин соҳа замина мегузоранд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти муаллиф метавонанд, дар самти такмили фаъолияти қонунгузорӣ дар соҳаи муқовимат ба коррупсия, дар амалияи

ҳуқуқтатбиққунии мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва таснифи ҷиноятҳои мазкур, зимни омода намудани қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ ҷониби судҳо мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии таҳқиқот тавассути истифодаи усулҳои илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ, байналмилалӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти илмӣ ва рисолаҳо оид ба мавзуи таҳлил ба даст оварда шудааст.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин аз истифодаи заминаҳои васеи амалӣ, ки дар шакли маълумотҳои оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ оварда шуда, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсия, кодексҳои ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ, стратегияҳои муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олӣ ва ғайра ба даст омадаанд.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷудбударо пур менамоянд. Дар баробари ин муваффақиятҳо дар диссертатсияи Шарифзода Ш.М., баъзе аз масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро ба муаллиф дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи ӯ пешниҳод менамоем:

1.Дар нуқтаи илмии №8, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, муаллиф ҷорӣ намудани назорати ҷамъиятро аз болои фаъолияи мақомоти давлатӣ ва бо мақсади таъмини иштироки фаъолонаи ҷомеа дар муқовимат ба коррупсия, барои изҳори афкори ҷамъиятӣ ва омода намудани тавсияҳо дар робита бо татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», таъсиси Шурои ҷамъиятро зарур мешуморад. Бояд қайд намуд, ки дар умум ин пешниҳоди унвонҷӯ моҳиятан дуруст мебошад, аммо он баъзе паҳлуҳои баҳсбарангезро доро мебошад, аз ҷумла дар мавриди ҷорӣ намудани пешниҳоди дар боло зикрнамудаи муаллиф кадом натиҷаҳои мусбиро медиҳад? Мехостем ба таври иловагӣ ақидаи муаллифро дар ин масъала шунавем.

2. Дигар пешниҳоде, ки аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ин қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи криминалогии лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ» мебошад. Аз муаллиф пурсида мешавад, ки оё қабули ин қонун ба Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ки аз 28 декабри соли 2012 мавриди амал қарор дошта, самтҳои асосии ташаккули сиёсати давлатии зиддикоррупсиониро дар кишвар муайян менамояд, духурагиро ба вуҷуд намеоварад?. Ба саволи мазкур хуб мешуд муаллиф дар рафти ҳимоя ҷавоби мушаххас медод.

3. Дар натиҷаи таҳлили асосҳои ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия муаллиф ба чунин хулосаҳо омадааст, ки ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», ки масъалаи мазкурро ба танзим медароранд, иловаҳо ва тағйиротҳо ворид карда шаванд. Бинобар ин, аз муаллиф пурсида мешавад, ки ворид намудани тағйиру иловаҳоро дар кадом бахш ва бо кадом мақсад, қобили қабул ҳисобидаанд.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд. Хулосаҳои пешниҳоднамудаи Шарифзода Ш.М., мантиқан дуруст ва илман асоснок мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд ва метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва таълимӣ дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, курсҳои махсуси «Сиёсати ҳуқуқии пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия», «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» ва «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо» истифода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Оид ба муҳтавои диссертатсия бо қалами муаллиф 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 9 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидааст.

Бояд қайд намуд, ки маводҳои чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошанд.

Инчунин, муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ, дар шакли маърӯза дар конференсияҳои гуногуни илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

Дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки маводҳои чопшуда, пешниҳод, хулоса ва нуктаҳои илмие, ки дар диссертатсия иброз гардидаанд, ҷиҳати

бартараф намудани холигии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мусоидат менамоянд.

**Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Шарифзода Шарифбек Мурод ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад.

Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Шарифзода Шарифбек Мурод пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва соҳаҳои дигар мусоидат карда, барои ҳалли мусбии як зумра масъалаҳо ва мушкилоти вобаста ба мавзуи таҳқиқот нақши муҳимро мебозад.

Ҳамзамон, хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва такмили соҳа аҳамияти муҳим дошта, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ метавонанд истифода шаванд.

Диссертант мақсади омӯзиши комплексиро комилан ҳадафнок гузошта, дар асоси он, муайян намудани камбудиҳо вобаста ба масъалаи пешгирӣ, муқовимат ва коҳиш додани ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин коркард ва пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати мукаммалгардонии қонунгузори ҷиноятӣ дар ин соҳа, назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятиро баррасӣ намуда, объект ва мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро муайян намудааст.

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби сохторҳои ваколатдор тасдиқ карда шуда, дар амалия ворид карда шудаанд.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Шарифзода Шарифбек Мурод ба талабот оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақризи мазкур бодарназардошти талаботҳои бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия - Тоҷикистон Абдуҳамитов В.А.

**Имзои Абдуҳамитов В.А.-ро тасдиқ мекунам:** Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи славянии Россия - Тоҷикистон Раҳимов А.А.
«__02__»_____02_____с. 2023

**Суроға:** Донишгоҳи славянии Россия - Тоҷикистон (734025), ш. Душанбе, кучаи Мирзо Турсунзода, 30, телефон: (+992 37) 221-35-50, E-mail: rtsu@mail.ru, htpp://www. rtsu.tj
«__02__»_____02_____с.2023